# ХУЛОСАИ
# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D. КОА-028-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

**дар бораи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик**

Парвандаи аттестатсионии №__90__

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 30 январи соли 2020**

Дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик.

Диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна дар мавзӯи «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121) барои ҳимоя пазируфта шудааст.

Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна, соли таваллудаш 14.02. 1990, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои ҲХДТ мебошад.

Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна соли 2014 факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси журналист хатм намудааст. Аз соли 2015 инҷониб омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик дар Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Ҳисор кор карда истодааст. Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи С. Айнӣ ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ**: Муллоев Абдусамад, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Кучаров Аламхон** - узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**2. Дустов Комилҷон Авлоқулович** - номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

**Муассисаи пешбар**: Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода

**Дар тақризи муассисаи пешбар** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода омадааст, ки кор аз нигоҳи илмӣ мукаммал буда, бо асосҳои назарию методӣ ва амалӣ қобили таваҷҷуҳ ва барои адабиётшиносӣ судманд мебошад. Дар ин замина диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна дар мавзӯи «Консепсияи шахсият

ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» андешаи тоза дар адабиётшиносии муосири тоҷик маҳсуб меёбад. Мубрамии мавзӯи мавриди назар дар он ифода меёбад, ки бори нахуст диссертант масъалаҳои муайян намудани марҳилаҳои ташаккули шахсият ва чеҳраи ҳунарии адиб, биниши нави осори С. Айнӣ, баррасӣ ва арзёбии консепсияи мушаххаси илмии эҷодиёти нависанда, падидаи ҳунарӣ, ҷанбаҳои маърифатию ахлоқӣ, бозтоби шахсияти таърихию эҷодӣ, чеҳраи адабӣ, таҷассуми симои равшанфикрон, шинохти шахсият ва чеҳраи Аҳмади Дониш ва симои муаллиф дар “Ёддоштҳо”-и С. Айниро ба таҳқиқ гирифтааст.

Дар баробари дастовардҳо диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, аз ҷумла:

- баъзе ибораву таркибҳо такмил ва таҳрирталаб буда, баёни илмӣ ба адабӣ наздик шудааст.

- нуқсони имлоӣ, техникӣ ва компютерӣ ба назар мерасанд.

Камбудиҳои мавҷуда ба мазмуну муҳтавои рисола таъсир намекунад, ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад.

Автореферати диссертатсия, монография ва мақолаҳои таълифнамудаи диссертант дар маҷаллаҳои номнависшудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамояд.

Диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна дар мавзӯи «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик таҳқиқоти анҷомёфта маҳсуб гардида, ҷавобгӯ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик мебошад.

Диссертант 5 мақола ба табъ расонидааст, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд.

Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд, чунин аст:

1. Бобораҷабова Г. З. Таҷассуми шахсияти эҷодӣ ва чеҳраи Аҳмади Дониш дар “Ёддоштҳо”-и С. Айнӣ. // Паёми ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. - Душанбе. – 2018 - № 4 (76). - С. 190-194.

2. Бобораҷабова Г. З. Маҳорати чеҳранигорӣ дар повести “Одина”, романҳои “Дохунда” ва “Ғуломон”- и С. Айнӣ, // Паёми ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе – 2018 - № 2 (74). - С. 191-195.

3. Бобораҷабова Г. З. Шахсияти эҷодии Аҳмади Дониш дар осори Садриддин Айнӣ. // Паёми ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. - Душанбе. – 2018 - № 6. - С. 64-69.

4. Бобораҷабова Г. З. Ҳақиқати воқеӣ ва бадеӣ дар ҳунари чеҳранигории С. Айнӣ. //Паёми ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе – 2019 - № 3(80). - С. 209-217.

5. Муллоев А., Бобораҷабова Г. Симои Садриддин дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ // Паёми ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2019 - № 3 (80). - С. 152-157.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

**Мухторӣ Қ.** - дотсенти кафедраи матбуоти ДМТ, номзади илмҳои филологӣ

Тақриз мусбат буда, муқарриз қайд мекунад, ки:

1. Номи фаслҳои 1 ва 2 дар боби сеюми рисола то андозае такрори ҳамдигаранд. Мисол «шахсияти Аҳмади Дониш» ва «чеҳраи ҳунарии Аҳмади Дониш»;

2. Дар автореферат баъзе хатоҳои техникӣ ба назар мерасад.

**Солеҳ Қосимов** - дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики ДМТ, номзади илмҳои филологӣ

Тақриз мусбат буда, муқарриз қайд мекунад, ки:

1. Дар автореферат баъзе норасоиҳо дар сабки нигориш ва хатоҳои техникӣ ба мушоҳида мерасанд, рӯйхати адабиёт низ нуқсони техникӣ дорад.

**Дӯстмурод Ҳафиззода** - дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики ДМТ, номзади илми филология

Тақриз мусбат буда, муқарриз қайд мекунад, ки:

1.Нуқсони имлоӣ да номгӯи китобҳо мушоҳида мешавад.

**Одинаев Нурмаҳмад Сафарович** - мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ

Тақриз мусбат буда, муқарриз қайд мекунад, ки:

1. Баъзе номутобиқатӣ ва номуназзамӣ дар матни тоҷикӣ ва русӣ роҳ дода шуда, дар бахши «Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ» бояд саҳми Раҳим Ҳошим ва Абдураҳмон Абдуманонов дар шинохт ва таҳқиқи амалии масъалаи чеҳранигорӣ нишон дода шавад.

2. Ба назари мо, унвони баъзе бобҳо ба моҳияти таҳқиқот мутобиқат намекунад ва барои таҳқиқи мавзӯи рисолаи мазкур маводи «Ёддоштҳо»-и устод С.Айнӣ кифоя буд.

3. Дар рисола дар баробари симои Аҳмади Дониш муаррифии чеҳраи Садри Зиё ва ҳамқаламони ӯ нишон дода шавад.

Нуқсони ҷузъии ишорашуда ҳеҷ гоҳ сатҳи илмии рисолаи мазкурро коҳиш намедиҳанд ва ислоҳи онҳо боиси такмил ёфтани моҳияти илмии тадқиқоти мазкур хоҳад гашт.

Муқарризони расмӣ дар баробари муайян кардани баъзе нуқсони автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) муҳимияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои шоёни муаллифи диссертатсияро низ таъкид кардаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони варзида дар соҳаи адабиётшиносӣ ва адабиёти муосири тоҷикӣ буда, дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф карданд, ки мазмун ва муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад. Муассисаи пешбар яке аз муассисаҳои бонуфузи

илмии соҳаи филология дар ҷумҳурӣ ба шумор рафта, бо мутахассисони варзидаи худ дар самти таҳқиқу таҳлили масоили умдаи адабиётшиносӣ, бахусус дар таърихи адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик, назарияи адабиёт ва накди адабӣ хеле маъруф гардидааст.

Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки муҳаққиқ дар асоси маводи зарурӣ ва фаровон оид ба биниши нави таҳқиқи осори С. Айнӣ, муайян намудани марҳилаҳои ташаккули шахсият ва чеҳраи ҳунарии адиб, баррасӣ ва арзёбии консепсияи мушаххаси илмию эҷодӣ дар мисоли фардияти эҷодии нависанда, падидаи ҳунарӣ, ҷанбаҳои маърифатию ахлоқӣ, бозтоби шахсияти таърихию эҷодӣ, чеҳраи адабӣ, таҷассуми симои равшанфикрон, шинохти шахсият ва чеҳраи Аҳмади Дониш ва симои муаллиф дар мисоли “Ёддоштҳо”-и С. Айнӣ ва дигар масоили вобаста ба мавзӯъро ба таври дақиқ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

Пешниҳод шудааст, ки масъалаҳои осори насрии устод Айнӣ, махсусан асарҳои «Ҷаллодони Бухоро», «Одина», «Марги судхӯр, романҳои «Дохунда», «Ғуломон» ва “Ёддоштҳо” чеҳраҳои зиёди комилу пурраи бадеиро ба вуҷуд оварда, маҷмӯи андеша ва фарзияи мушаххаси илмӣ, падидаҳои адабӣ ва таъйини фардияти эҷодӣ дар мисоли “Ёддоштҳо”- и С. Айнӣ дар насри муосири тоҷик баррасӣ шуда, фаъолияти адабии нависанда дар иртибот бо замони ӯ, муҳити адабии давр, арзишҳои ҳунарӣ, бо фарогирии таҳқиқоти донишмандони дигар, бо биниши тозаи накди адабии даврони истиқлол омӯхта ва таҳқиқ шудааст.

Нуктаҳои дигаре, ки аҳамияти мавзӯи таҳқиқшавандаро бозгӯӣ мекунанд, пажӯҳиши шинохти шахсияту чеҳраи мутафаккир ва маорифпарвари бузурги халқи тоҷик Аҳмади Дониш, бозтоби муҳити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии замони зиндагиаш дар сарчашмаҳои таърихӣ ва илмӣ маълумоти зарурӣ фароҳам оварда, тадқиқи бадеии ин марҳилаи муҳими таърихии халқи тоҷик тавассути бозтоби чеҳраи Аҳмади Дониш ва рӯшанфикрони замон дар "Таърихи инқилоби Бухоро" ва «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ амалӣ гардидааст.

Дар рафти таҳқиқ оид ба хусусияти фардияти эҷодӣ, ҷусторҳои ҳунарӣ ва консепсияи эҷоди бадеӣ дар “Ёддоштҳо”- и С. Айнӣ таваҷҷӯҳ зоҳир шуда, масоили мушаххаси илмӣ ва мушкилоти ҳунари эҷоди бадеиро дар асари ҷудогонаи нависанда аз дидгоҳи ҳамоҳангии замон ва қаринаи муайяни таърихӣ таҳлил намуда, симои муаллиф дар “Ёддоштҳо” ҳамчун иштирокчии фаъол, неруманд, наҷиб, мушоҳид ва таҳлилгари ҳассос муҷассам мегардад. Консепсияи шахсияти эҷодӣ ва симои ҳунарӣ дар “Ёддоштҳо”- и С. Айнӣ ҷанбаҳои умумибашарӣ, миллӣ ва таърихӣ дорад. Диссертант бо истифода аз истилоҳҳои “консепсияи эҷоди бадеӣ”, “шахсият ва симои ҳунарӣ”, “симои муаллиф”, “ҳунари нависандагӣ” ва монанди инҳо бозтоби андеша ва таҷассуми рӯҳи замон, сарнавишти халқ ва ормонҳои миллиро бо биниши тоза баррасӣ намуда, ба таври муқоиса бо таҳлил мегирад, ки аз аҳамияти зиёди илмӣ бархурдор мебошад.

**Аҳамияти назарии таҳқиқот** дар он инъикос ёфтааст, ки осори безаволи С. Айнӣ ҳамчун намунаи барҷастаи насри реалистии адабиёти навини тоҷикии садаи XX арзишҳои хоси ғоявӣ ва зебоишинохтӣ дошта, ба раванди инкишофи адабиёту фарҳанги халқҳои ҳамҷавор таъсири судманд гузоштааст. Бинобар ин, дар таҳқиқ ва таҳлили ҳаёт ва фаъолияти эҷодии С. Айнӣ мулоҳизаҳо бояд бо арзёбии мунсифона ва дақиқназарона ба андешаҳои солими илмӣ, ахлоқӣ ва таърихӣ бунёд ёбад.

Дар фаъолияти эҷодии С. Айнӣ таҷассуми воқеияти давраи муайяни таърихӣ ва марҳилаи ҳассоси сарнавишти таърихии халқ моҳияти андешаи муаллиф ва махсусияти ҷустуҷӯҳои бадеиро дар қаринаи таърихиву фарҳангӣ муайян сохтааст. Таҳаввул ва ташаккули сарнавиштҳову характерҳои гуногун ва фарогирии вусъатноки шинохти маърифати бадеии таърих дар тахайюлоти эҷодии нависанда арзишманд ва ибратпазир буда, диди ҳамосии воқеият, пайванди таҳқиқи илмӣ, публисистӣ ва бадеиро падид оварда, арзиши осори нависандаро афзун гардонидааст. Натиҷаву хулосаҳои илмии ба дастомада метавонад дар самти айнишиносӣ, таърихи адабиёт, матншиносӣ, сабкшиносӣ, назарияи адабиёт, робитаҳои адабӣ, раванди адабиёти муосир ва ва ғайра истифода шавад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он ифода мегардад, ки бо истифода аз методология ва методикаи мушаххаси тадқиқотӣ дар асоси таҳлили матншиносӣ ва муқоисавии осори С. Айнӣ, махсусан «Ёддоштҳо» дар адабиётшиносии муосири тоҷик аз омили муҳими муайянкунии ҳунари чеҳранигории адиб буда, ҷойгоҳу мақоми вайро дар адабиёти халқҳо ба таври мушаххас муайян мегардонад. Маводу хулоса ва натиҷагириҳои диссертатсия метавонад дар таҳия ва навиштани китобҳои дарсӣ барои донишгоҳҳои олӣ, омӯзиши давраҳои мухталифи адабиёти форсии тоҷикӣ, ҳангоми таҳияи маҷмӯаҳои таълимӣ-методӣ ва курсҳои махсус дар донишгоҳҳои олӣ, миёна ва миёнаи махсус, дар мавриди навиштани мақолаҳои илмӣ ва адабӣ, дастур ва барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ истифода шавад.

**Мутобиқати мақсаду вазифаҳои диссертатсия** зимни таҳлили илмии мавод аз усулҳои таърихӣ, оморӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, шинохти осори адабӣ, инчунин таҳқиқот ва дастурҳои назарии донишмандон ва муҳаққиқони таърих ва назарияи адабиёт амалӣ гардидааст.

**Саҳми фардии муҳаққиқ** дар он зуҳур меёбад, ки таҳқиқи осори С. Айнӣ ва масоили ҳунари чеҳраниглрии адиб, бозтоби чеҳраи равшанфикрон дар қаринаи муайяни таърихӣ бори аввал ба шакли диссертатсионӣ мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор гирифтаанд. Таҳқиқоти мазкур кӯшиши нахустин дар таҳқиқи консепсияи шахсият ва чеҳранигории ҳунарӣ дар адабиёти тоҷик мебошад.

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ рӯзи 30 январи соли 2020 дар бораи ба Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна

додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 25 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, 20 нафар иштирок дошт, ки аз ин 6 нафар аз рӯйи ихтисос дар ҷаласа иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 20 нафар, «зид» - нест «баргаҳои беэътибор» - нест.

Баромади Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна дар мавзӯи «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик, тақризи муассисаи пешбар, баромади муқарризони расмӣ, **Кучаров Аламхон** - узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва **Дустов Комилҷон Авлоқулович** - номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва тақризҳо ба авторефератро шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи дисертант

**қарор қабул мекунад:**

1. Диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна дар мавзӯи «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.
2. Мақолаҳои илмии чопкардаи унвонҷӯй мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.
3. Ба Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷикро диҳад.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷаматов С.

И.в. котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Элбоев В.Ҷ.

30 январи соли 2020